## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 183 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири ҷаҳони пуртазод ва пурихтилоф воситаҳои ахбори омма дар ташаккул ва самтбахшии афкори ҷомеа нақши муҳим доранд. Махсусан, дар замони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва таҳаввули шаклу воситаҳои таъсиррасонии расонаҳо таҳқиқи масъалаи мазкур аҳаммияти бештар касб менамояд. Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ ба таҳқиқи нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум бахшида шудааст. Дар он яке аз масъалаҳои мубрами фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Мавзуи диссертатсия ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот ва иттилоърасонӣ, инчунин, ба самтҳои афзалиятноки рушди илми журналистикаи ватанӣ мувофиқат намуда, натиҷаҳои он метавонанд барои такмили фаъолияти расонаҳо ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа мусоидат намоянд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ташаккули афкори умумро дар заминаи фаъолияти расонаҳои муосир мавриди баррасӣ қарор дода, ба хусусиятҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, омилҳои ташаккулдиҳандаи афкори ҷомеа ва нақши воситаҳои ахбори омма дар ин раванд таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаи мазкурро аз нигоҳи назариявӣ бо такя ба таҳлили таҷрибаи фаъолияти расонаҳои ватанӣ ва омӯзиши афкори ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Ин равиш имкон медиҳад, ки моҳияти муносибати мутақобилаи расонаҳо ва ҷомеа, инчунин, таъсири иттилооти расонаӣ ба равандҳои иҷтимоӣ бо назардошти шароити муосир арзёбӣ гардад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар диссертатсия нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори омма, таъсири муборизаҳои иттилоотӣ, фаъолияти матбуоту телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум ва монанди ин таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Аз ин хотир, мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мутобиқат дошта, муҳтавои таҳқиқ пурра дар доираи ихтисоси интихобшуда мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф усулҳои гуногуни таъсиррасонии воситаҳои ахбори оммаро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули афкори ҷомеа муайян намуда, хусусиятҳои амалишавии онҳоро вобаста ба навъи расонаҳо, аз ҷумла, телевизион ва матбуот мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар шароити муосир, бо фаъол гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ, таъсири расонаҳо шаклу шеваҳои нав касб кардааст. Ин раванд воситаҳои ахбори оммаи анъанавиро водор месозад, ки барои иттилоърасонӣ ва таъсиргузорӣ ба афкори ҷомеа аз имконоти платформаҳои рақамӣ васеъ истифода намоянд.

Диссертант **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чор банд гурӯҳбандӣ намудааст, ки онҳо ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд. Ҳарчанд баъзе аз ин нуктаҳо баҳсталабанд, ҷасорати илмӣ ва мавқеи мустақилонаи муаллиф шоистаи дастгирӣ мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи таҷрибаи фаъолияти амалии муаллиф, омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ ба даст омада, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва эътимодбахш мебошанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, маводи воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои интернетӣ ва дигар манбаъҳои марбут ба мавзуъ самаранок истифода кардааст. Истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва муҳтавоӣ эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаву натиҷаҳои диссертатсияро таъмин намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 183 саҳифаро ташкил медиҳад. Бобу фаслҳои диссертатсия бо ҳам алоқамандии мантиқӣ дошта, якдигарро пурра менамоянд.

**Муқаддимаи таҳқиқ** мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтору ҳаҷми диссертатсия ва дигар ҷузъҳои зарурировро фаро гирифта, мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия – **«Омӯзиш ва таҳлили назариявии нақши ВАО дар шаклгирии афкори омма»** як навъ вуруд ба мавзуъ буда, асосҳои назариявии таҳқиқро фаро мегирад.

**Фасли аввали боби якум – «Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо»** унвон дошта, муаллиф бештар ба ҷанбаҳои назариявии шинохти афкори умум ва шарҳи он таваҷҷуҳ намудааст. Барои шарҳу шинохти афкори умум аз фарҳангу луғатҳо ва андешаҳои олимони хориҷӣ истифода бурда, то андозае тавонистааст, ки ба мақсад расад. Дар зимн ба робитаи расонаҳо ва афкори омма низ таваҷҷуҳ шудааст. Ба диссертант комилан розӣ шудан мумкин аст, вақте менависад: «Масъалаи нақши расонаҳо дар афкори умум барои қарнҳо ба он хотир мавриди таввaҷуҳ аст, ки қудрати он метавонад фикру андешаи мардумро нисбат ба дилхоҳ масъала дигаргун созад» (диссертатсия, с. 18).

**Фасли дуюми боби аввал «Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум»** ном дошта, дар он муборизаҳои иттилоотӣ ба ташаккули афкори умум таҳқиқу таҳлил шудааст. Маълум аст, ки дар ростои фаъолияти расонаҳо иттилоърасонӣ таҳаввули шаклию мундариҷавӣ гирифта, ба рақобати иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ ва имрӯз ҳатто ба ҷанги иттилоотӣ табдил ёфт. Ба ин андешаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки таъсири ВАО метавонад ҳам созанда ва ҳам сӯзанда бошад. Паҳн кардани иттилооти нодуруст ғаразнок, таҳрифи воқеият, дигар кардани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои номаълум ва риоя накардани меъёрҳои касбию ахлоқӣ дар иттилоърасонӣ аз усулҳое мебошанд, ки ба ҷомеа метавонанд таъсири манфӣ расонанд.

Диссертант дар баробари ин муборизаҳоқ иттилоотӣ дар иртибот бо афкори умум, эътимоди аудитория, арзишҳову манфиатҳои миллӣ ва масъулияти ВАО дар назди аудиторияро таҳлилу баррасӣ карда, бо овардани андешаи муҳаққиқон мавқеи хешро исбот намудааст.

Дар фасли сеюми боби якум **«Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум»** муаллиф шаклу шеваҳои таъсиррасонии яке аз расонаҳо – телевизионро дар мисоли фаъолияти телевизионҳои Тоҷикистон таҳқиқ намудааст. Дар ин фасл диссертант асосан ба таърихи таъсиси телевизион дар Тоҷикистон, фаъолият ва усулҳои таъсиррасонии он ба афкори умум дар робита ба андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз ҷумла, диссертант барномаи мустақими телевизионии фарҳангиву тафреҳии «Пайванд», барномаи таҳлилии «Дар мавзуи рӯз», барномаи таҳқиқотии «Нигоҳи комил», барномаи публитсистию бадеии «Соҳибватан» ва ғайраро зикр менамояд, ки бо шаклу усулҳои гуногуни пешниҳод дар ташаккули афкори умум нақш доштанд. Таъсиру нақши ҳар як барномаи телевизионӣ барои ташаккули афкори умум ба таҷрибаву малака, маҳорати касбӣ, донишҳои ихтисосии муаллифу муҳаррир, мубрамияти

мавзуъ, омӯзишу таҳқиқи мавзуъ, масъалагузорӣ ва истифодаи жанри мувофиқ вобаста мебошад. Диссертант махсусиятҳоро дуруст таҳлилу баррасӣ намуда, назари худро баён доштааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «**ВАО-и ватанӣ ва бунёди афкори созанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» нақши матбуоту телевизион дар ташаккули афкори умум мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли аввали боби дуюм «Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот»** унвон дошта, дар он мақоми таърихию иҷтимоии матбуот дар фазои иттилоотии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Матбуоти тоҷик дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияти худ барои ташаккули афкори пешқадам, созанда ва ҳамқадами замон пайваста талош намудааст. Он дар эҳтиром ва ҳифзи суннату арзишҳои миллӣ, эҳёи давлатдории миллӣ, бузургдошти шахсиятҳои илмию фарҳангӣ, маърифатнокии ҷомеа, таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, истиқлолхоҳӣ ва ваҳдати миллӣ нақши муҳим бозидааст. Матбуот тавассути баррасӣ ва масъалагузории мавзуъҳои мубрами ҷомеа афкори умумро ба самти созанда ташаккул додааст. Дар ин фасл диссертант сайри таърихие ба фаъолияти нашрияҳо намуда, нақши матбуоти тоҷикро шуруъ аз нашрияи «Бухорои шариф» то матбуоти ибтидои солҳои 90-уми асри XX ва муосирро дар ташаккули афкори умум зикр кардааст.

**Фасли дуюми боби дуюм «Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»)»** номгузорӣ шуда, ба нақши ин нашрия дар ташаккули афкори умум марбут аст. «Ҷумҳурият» нашрияи марказии расмии Тоҷикистон буда, муассисаш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин нашрия дар замони Шуравӣ ҳам мақоми нашрияи расмиро дошт ва то соли 1991 бо номҳои гуногун нашр мешуд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ин рӯзнома "таърихи зиндаи Тоҷикистон ва мардуми он мебошад. Он дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Маҳз бо талошҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Саҳми рӯзнома дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ ҳам шоистаи таҳсин аст" (диссертатсия, с. 70).

Маълум аст, ки имрӯз вазифаҳои матбуоти даврӣ дар пасманзари пайдоишу ташаккули расонаҳои нав ва технологияҳои иттилоотӣ дигаргун шудаанд. Нашрияҳо талош мекунанд, ки бо истифода аз имконоти интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мазмуну муҳтаво ва фаъолияти худро тағйир диҳанд. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар шароити имрӯзаи расонаҳои Тоҷикистон ҳамчун намунаи мутобиқшавии матбуоти классикӣ ба шароити нави фаъолияти иттилоърасонӣ шинохта шудааст. Рӯзномаи мазкур на танҳо аз нигоҳи моликият ва вазифаҳои

дар наздаш гузошташуда дигар гардид, балки мазмуну муҳтавои рӯзнома, усулҳои пешниҳоди матлабҳо, истифодаи жанрҳо ва техникаи ороиш низ тағйир ёфта, роҳу усулҳои нави таъсир ба афкорро пайдо кард.

**Фасли сеюми боби дуюм «Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ»** номгузорӣ шуда, дар он ҷойгоҳ ва имкониятҳои таъсиррасонии телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои пурнуфузи ташаккули афкори умум мавриди таҳлил қарор гирифта, иловатан хусусиятҳои муҳтавоӣ ва жанрии барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон амиқан аниқ мегарданд. Муаллиф вазифаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоии барномаҳои телевизиониро таҳлил намуда, таъсири муҳтавои онҳоро ба шуур, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи иҷтимоии хонанда муайян менамояд. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши шабакаҳои иҷтимоӣ телевизион ҳамоно ҷойгоҳи муҳимми худро дар фазои иттилоотии кишвар ҳифз менамояд. Аз ин рӯ, муаллиф зарурати такмили муҳтавои барномаҳо, истифодаи шаклу усулҳои муосири пешниҳоди иттилоот, ҷалби кадрҳои соҳибихтисос ва таҳкими ҳамкории телевизионро бо васила-платформаҳои рақамӣ таъкид кардааст.

**Боби сеюм «Назарпурсӣ – василаи омӯзиш ва таҳқиқи афкори омма»** унвон дошта, ба таҳлили таҷрибавии афкори ҷомеа тавассути усули назарпурсӣ диққати махсус дода, заминаи эмпирикии таҳқиқро тақвият мебахшад.

Дар **фасли якуми боби сеюм – «Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар ташаккули афкори омма»** андешаҳои коршиносони соҳаҳои журналистика, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Дар заминаи баррасии дидгоҳҳои мутахассисон омилҳо, шароит ва механизмҳои таъсиррасонии воситаҳои ахбори омма ба раванди ташаккули афкори ҷомеа муайян гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ собит месозанд, ки сатҳи эътимоди ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма яке аз омилҳои асосии тақвияти нуфуз ва самаранокии фаъолияти расонаҳо ба шумор меравад. Муҳаққиқ бо такя ба андешаҳои коршиносон собит менамояд, ки таъсиргузории самараноки ВАО ҳамчун ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ ба сифату мубрамияти муҳтаво, саҳеҳӣ ва эътимоднокии иттилоот, таъмини гуногунандешӣ, риояи меъёрҳои ахлоқию касбии журналистика ва масъулияти иҷтимоии кормандони расонаҳо вобаста аст. Ҳамзамон, мутобиқ гардидани воситаҳои ахбори омма ба низоми муосири таҳияву паҳнсозии иттилоот, истифодаи самараноки платформаҳои рақамӣ ва татбиқи шаклу усулҳои нави иртибот бо

аудитория метавонад таъсиргузории онҳоро дар муқовиматҳои иттилоотӣ тақвият бахшида, ҷойгоҳашонро дар фазои иттилоотӣ устувор созад.

**Фасли дуюми боби сеюм – «Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория»** ба таҳлили тағйирёбии муносибати аудитория ба манбаъҳои иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки интернет, телефонҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои муосири иртиботӣ тарзу усулҳои дастрасӣ, қабул ва паҳн намудани иттилоотро ба куллӣ тағйир дода, аудиторияро ба иштирокчии фаъоли раванди коммуникатсионӣ табдил додаанд. Дар ин замина, муаллиф масъалаҳои эътимоди аудитория ба воситаҳои ахбори омма, баланд бардоштани сифати муҳтавои журналистӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти расонаҳои касбиро ба талаботи нави иттилоотии ҷомеа мавриди таҳлил қарор додааст.

Ба андешаи мо, арзиши илмии фасл дар он зоҳир мегардад, ки таъсири рақамикунонӣ ба муносибатҳои мутақобилаи воситаҳои ахбори омма ва аудитория чиддан таҳқиқ гардида, ҳамзамон дар ин росто аз тарафи муаллиф зарурати такмили донишу малакаҳои касбии рӯзноманигорон, таҳияи муҳтавои босифату боэътимод ва таҳкими эътимоди ҷомеаро ба расонаҳои касбӣ ба таври возеҳу ҳадафманд мушаххас менамояд.

**Хулосаи диссертатсионии** Давлатизода Хуршед Давлаталӣ дар 12 банд ҷамъбаст шуда, ишора ба таълифоти илмии муаллиф дурустии хулосаҳои пешниҳодшударо асоснок менамояд.

**Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки муаллиф нақш ва таъсири воситаҳои ахбори оммаро ба ҳаёти ҷомеа ва раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили асосҳои назариявии муносибати мутақобилаи расонаҳо ва ҷомеа, муайян намудани шаклу усулҳои муосири таъсиррасонӣ ба афкори омма ва мушаххас сохтани нақши ВАО дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа аҳаммияти муҳим доранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия бошад, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар фаъолияти расонаҳо, таҳияи дурнамои рушди соҳаи иттилоот, истифодаи шаклу усулҳои муосири таъсиррасонӣ ба афкори омма, ҳифзи манфиатҳо ва арзишҳои миллию давлатӣ, инчунин такмили ихтисоси журналистон мавриди истифода қарор дод.

Натиҷаҳои бадастомада барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда дар соҳаҳои журналистика, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҳамчунин, маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика, аз ҷумла, фанни

«ВАО ва сотсиология», инчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва васоити таълимию методӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар шакли 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ интишор ва муаррифӣ гардидаанд. Мазмуни маърӯзаю мақолаҳо ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати Давлатзода Хуршед Давлаталӣ дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ доштани диссертатсия, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Баъзе хулосаву пешниҳодҳои фасли аввали боби якум ба таври кофӣ мушаххас ва фаҳмо баён нагардидаанд. Масалан, пешниҳоди муаллиф оид ба «Ташкили бахши ягонаи ВАО, яъне, созмоне, ки тамоми иттилоотро назорат мекунад, бамаврид аст» (диссертатсия, с. 32) шарҳу тавзеҳи бештарро тақозо менамояд.

2. Дар таҳлили матбуоти даврӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» равона гардидааст. Агар муҳаққиқ маводи рӯзномаи дигарро низ ба таври муқоисавӣ мавриди таҳлил қарор медод, арзиши илмии таҳқиқ боз ҳам бештар мегардид.

3. Бо дарназардошти рушди босуръати шабакаҳои иҷтимоӣ, агар таъсири платформаҳои рақамӣ, блогҳо, шабакаҳои иттилоотӣ ва муҳтавои тавлиднамудаи корбарон ба раванди ташаккули афкори умум амиқтар мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегирифт, сатҳи илмии таҳқиқ боз ҳам қавитар мегардид.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум, моҳият ва арзиши илмию амалиии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатлизода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» кори илмии

мустақилона баанҷомрасида ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи журналистикаи ватаниву
байналмилалии факултети филологияи
рус, журналистика ва медиатехнологияҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия
ва Тоҷикистон» Афсаҳзод А. А.
«27» августи соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел: (+992) 93 578 69 69
E-mail: afsahzod0505@mail.ru

Имзои Афсаҳзод Аббоси Аълохонро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Боровицкая Лилия
«27» августи соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел: (+992) 93 952-30-09
E-mail: liliya_1993-93@mail.ru